Муроҷиатномаи Шӯрои уламои Маркази исломии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар робита бо тавтеаю дасисаҳои ТТЭ ҲНИ ироа гардидааст, боиси сарусадоҳои расонаии ҳаводорони наҳзатӣ гардидааст. Дар ин замина сомонаи наҳзатӣ матлабе таҳти унвони «"Шӯрои уламо" аз Худо тарсад!» интишор додааст. Наҳзатиёни мутаассиб аз ин усул – аз Худо тарсонидани мардум ҳамеша кор мегиранд.

Ин усул ва равиши таърихии рӯҳониёни мутаассибу ҷоҳил дар тӯли таърих буда ва ҳаст. Мутаассифона, ин равиш, бо назардошти ҳузуру нуфузи хурофоту ҷаҳолат дар ҷомеа дар бисёр маворид корсоз ҳам буда ва ҳаст. Аммо барои ҷомеаи муосири тоҷик ин усули «ҳидоят» аз муд афтидааст. Ба таври куллӣ, чанд воқеаитро вобаста ба матлаб бозгӯ мекунем:

Якум. Албатта, наҳзатиёни фирорӣ, ки аз ҳисоби як идда ҷавонони гумроҳ сафҳояшонро пурра карданианд, саъй мекунанд, алайҳи назароти мардумӣ қад алам намоянд ва воқеиятҳоро таҳриф созанд. Дар ин амр хеле кӯшиш мекунанд ва музахраф мебофанд. Чунин навъи муҳокимаи музахрафро дар матлаби ахирӣ, ки дар ҳошияи Муроҷиатномаи Шурои уламои Маркази исломии Тоҷикистон ироа гардидааст, метавон мутолиа кард. Муддаӣ бе ҳеҷ гуна далели мувассақ ба домони ин ташкилаи динӣ-мазҳабӣ мечаспад ва наҳзатиёнро пуштибонӣ мекунад. Магар далоили ихтилофоти мазҳабӣ, паҳну мунташир кардани ҳар гуна иттилооти зиддидавлатӣ, аз марзи ислом ва минҷумла исломи суннатӣ (мазҳаби тасаннуни ҳанафӣ) фаро рафтан ва билохира ҳадафи султахоҳиро дунболагирӣ намудан басанда нест? Кору фаъолияти ТТЭ ҲНИ дар хориҷ аз кишвар ва пуштибонии баъзе созмонҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ аз ин ташкилоти экстремистию террористӣ бозгӯкунандаи онанд, ки ТТЭ ҲНИ мақсади ихтилоф андохтан ва ба қудрат расиданро дунбол мекунад ва дар ин роҳ аз ҳар василаи машрӯъ ва номашрӯъ истифода мебарад. Шиорпарокані ва фазлфурӯшиҳое, ки тайи ду-се соли ахир раҳбарияти фирории наҳзатӣ дар хориҷ аз кишвар сари минбарҳои аврупоӣ анҷом медиҳанд, ҳадафманданд ва пушти қазияи наҳзатӣ, бидуни шубҳа, созмонҳои вижа қарор доранд.

Дуюм. Муаллифи матлаб кӯшидааст, ки уламои суннатиро алайҳи Шӯрои уламо шӯронад ва аз ин роҳ оташи фитнаву кина ва адоватро миёни рӯҳонияти исломии дохил доман занад.

Чанд исми ба истилоҳ, уламое, ки муаллифи матлаб мисол задааст, аз чумлаи рӯҳониене буда ва мебошанд, ки ҳаргиз ғами мардуми мусулмонро нахӯрдаанд ва намехӯранд ва агар ба ҳаводиси солҳои навадуми садаи бист ва фазои мазҳабии ибтидои асри бисту як ҷиддӣ таваҷҷуҳ намоем, пай хоҳем бурд, ки як гурӯҳи рӯҳонияти суннатӣ,ислоҳотхоҳ ва муҳофизакор, ки бо наҳзат иртиботи бевосита ва бавосита доштанд, дар зери суол рафтани низоми давлатдории дунявӣ ва пахшу интишори ақоиди ифротии динӣ-мазҳабӣ саҳми бевосита доштанд. Онҳо на танҳо роҳи ихтилофоти мазҳабиро нагирифтанд, балки бо мавъизоти хушк ва матолиби хурофотии худ монеи озодандешӣ ва рушди тафаккури дунявӣ, ки низоми қонунии сиёсӣ ва давлатӣ буд, гардиданд. Аз ин ҷост, ки ҷонибдорони ин навъ рӯҳониён имрӯз низ талош мекунанд, ки ТТЭ ҲНИ-ро дар симои фаришта бинамоёнанд ва мардумро дубора гул

бизананд.
Сеюм. Маќомоти зиддахли давлатї (агар манзур КДАМ, ВКД бошад) њељ гоњ алайњи дину мазњаб нашўридааст, баръакс, онњо бар муќобили нафарон ва ташкилоте мубориза бурда ва мебаранд, ки дину мазњабро василаи касби ќудрат ва фиреби мардум карда, аз ин њисоб нони муфт мехўранд. Магар ин кор, ки вазифаи аслї ва њирфаии масъулини маќомоти њифзи њуќуќ аст, гунoњ аст? Дар кадом давлати дунё дидаед, ки маќомоти марбутаи давлатї алайњи муфтхўрони мазњабї ва динї, ки дину мазњабро абзори сиёсї ва иљтимої кардаанд, мубориза набурдааст? Дар њељ љойи дунё ин тур нест. Ин нањзат аст, ки њамеша тавтеа, дасиса, иѓво дуруст мекунад ва аз пайи сиёсї кардани дину мазњаб мегардад. Агар чунин аст, маќомоти давлатї мувazзафанд, ки алайњи бедодињои нањзатї, ки њосили шуми онро ибтидои солњои навадуми асри бист дидаем, мубориза бубаранд, дар акси њол, ин гуна маќомот ба кї даркор аст?!
Ва нињоят, он чи ки дар Муроҷиатномаи Шўрои уламои Маркази исломии Тоҷикистон дарҷ гардидааст, баёни вазъи мавҷуда аст ва дар ноҷурии авзои мазњабї ТТЭ ЊНИ муќассир мебошад ва ин нуктаи калидиро нињоди мазњабї бо далелњо манзур сохтааст. Воќеият њамин аст, он ба пазируфтан ва напазируфтани ТТЭ ЊНИ бастагї надорад, чунки пушташ таърихи зиндаи мардум ќарор гирифтааст.

Фаридун Ориёї